«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия**

**________________ Шарифзода Ф.Р.**

**«__17__»___11_________ соли 2023**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона омода карда шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқикот бо шиносномаи ихтисоси 12. 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он:**

Оила ҷузъи асосии ҷомеа ба ҳисоб рафта, бо тамоми муносибатҳои пайдошаванда дар ҷомеа алоқамандии зич дорад. Маҳз дар оила дарки фаҳмишҳои аввалин, аз қабили баҳогузории кирдор, ҳаракат, хостаҳою одатҳо ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо мегарданд. Ҳамин дарки аввалини инсон аз оила сабаби он шуда метавонад, ки минбаъд шахс маълумоти аз муҳити атроф гирифтаашро чӣ гуна қабул менамояд ва ё дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси кӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як муносибати дар оила пайдошавандаро дақиқ омӯзем, зеро муносибатҳои дар оила пайдошаванда бо ҳам алоқамандии зич доранд ва ҳамин алоқамандии гумонбару курбонӣ дар ҷиноятҳои характери виктимологидошта зинаи асосӣ ба ҳисоб меравand. Чӣ тавре ки Колпакова қайд намудаанд: "Муносибати

байниҳамдигарии аъзоёни оила ҳаммонанди муносибатҳои ҷамъиятие аст, ки ҳар як аъзои он нақши муайяни худро доранд. Яке аз зинаи асосӣ барои иштирокчиёни муносибатҳои мазкур, ин интизории онҳо аз ҳамдигариашон мебошад. Муҳити оилавӣ низ аз он вобастагӣ дорад, ки субъектони он нақши худро иҷро намудаанд ё не.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилоти илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Дар таҳқиқоти мазкур нақши калидиро таҳлили криминологии ин зуҳурот мебозад, ки аз назарияҳои олимони соҳаҳои мухталифи ҳуқуқӣ иборат аст. Мувофиқи ақидаи пешниҳоднамудаи муаллиф, зӯроварӣ яке аз рафтори пурхашму ғазаби инсон аст, ки дар мавриди ҷанг, ҷиноят ва дигар намудҳои рафтори ғайриқонунии ашхоси муайян зоҳир мешавад, дар зери таъсири муҳит ташаккул меёбад ва асосан натиҷаи раванди иҷтимоишавии вайроншуда аст (саҳ.30). Дар натиҷаи омӯзиши муҳтавои «зӯроварӣ» ва мафҳуми овардашудаи диссертант намудҳои зӯроварии оилавиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: зӯроварии ҷисмонӣ; зӯроварии рӯҳӣ (эҳсосотӣ); зӯроварии шаҳвонӣ; зӯроварии иқтисодӣ.

2. Диссертант дуруст зикр мекунад, ки қурбониёни зӯроварии оилавӣ бо шахси ҷиноятсодиркунанда ва ё ҳуқуқвайронкунанда дар робитаи ногусастанӣ қарор доранд. Яъне, ҷиноятҳои характери виктимологидошта асосан бо иштироки ҳар ду тараф, ҳам ҷабрдида ва ҳам ҷинояткор пайдо мегарданд. Барои дастгирии нуқтаи назари мазкур мо метавонем, ки як қатор назарияҳоро пешниҳод намоем. Колпакова чунин қайд менамояд: "Робитаи ногусастании қурбонӣ ва ҳуқуқвайронкунанда дар ҳолатҳои ҳама намуди мунокишаҳо ба назар мерасад, аммо ҷиноятҳои характери зӯроваридошта, ки дар оилаҳо содир мегарданд, доимо дар як вазъияте қарор доранд, ки тарафҳо ҳолати мусбию манфии якдигариро хуб медонанд. Аз ҳамин сабаб, онҳо (ҷинояткор ва ҷабрдидаи кирдори ӯ) метавонанд, ки ба ҳамдигар таъсири қавитар расонанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар қонуншиканиҳои характери виктимологидошта аз ҳама ҳолати муҳим ошкорнамоии алоқаи гумонбаршуда бо қурбонӣ мебошад. Дар алоқа бо назарияи мазкур ҷинояткор ва ҷабрдида дар марҳилаи муайяне бо ҳам дар алоқа буда, ба муддати тӯлонӣ ва ё кӯтохе дар ҳамкорӣ қарор доранд ва ҷабрдида дар кирдоре, ки зидди ӯ равона карда шудааст, саҳми

назаррас мегузорад. Набояд аз хотир баровард, ки барои таҳқиқи ҷиноятҳои характери виктимологидошта робитаи гумонбаршуда бо қурбонӣ аҳаммияти хосса дорад. Аз қабили муносибати гумонбаршуда бо зан (шавҳар), фарзандон ва дигар хешовандони наздик.

3. Бо мақсади муайян намудани гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятҳои хусусияти виктимологидошта муаллиф гурӯҳбандии рафтори қурбониёнро ба намудҳои ҷудогона ба роҳ мондааст. Асосан, дар илми криминологӣ ду намуди рафтори қурбониён фарқ карда мешавад: қурбониёни устувор (аз шахс вобаста аст) ва қурбониёни ноустувор (аз вазъияти бавуқуъомада вобастагӣ дорад). Аммо назарияҳои илмӣ доир ба ин мавзуъ гуногунанд. Яъне нафароне, ки муҳити зӯроваронаи оилавӣ аллакай ба тарзи доимии зиндагии онҳо табдил ёфтааст ва бо гузашти муҳлати муайян намудҳои гуногуни зӯровариро қурбонӣ таҳаммул менамояд. Ғайр аз назарияҳои овардашуда дигар олимон низ вобаста ба минтақаи зист ва дигар омилҳо навъҳои гуногуни қурбониёни виктимологии зӯроварӣ дар оиларо ҷудо намудаанд. Аммо қайд намудан бамаврид аст, ки ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила танҳо дар ду ҳолати асосӣ хусусияти виктимологиро соҳиб мегарданд. Якум, нафароне, ки ҳаракатҳояшон аз шахсияти онҳо вобастагӣ доранд. Дуюм, шахсоне, ки кирдорҳои онҳо дар натиҷаи расонидани таъсири муҳити атроф тағйир меёбанд. Яъне, ба муҳити атрофашон вобастаанд.

4. Тарафи дигари мусбии рисола дар он аст, ки роҳҳои пешгирии зӯроварии оиларо бо истифода аз санадҳои ҳуқуқии давлатӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар айни замон, ин низом аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтааст. Инчунин, қабул гардидани қонуни мазкур, дар масъалаи пешгирии зуроварӣ дар оила, давраи наверо ба вуҷуд овард. Иҷроиши бевоситаи қонун ба зиммаи мақомоти корҳои дохила вогузор карда шудааст. Вобаста ба ин, фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила амал менамояд. “Бояд қайд кард, ки ҷавобгарӣ - ин чораи ниҳоӣ ва истисноӣ мебошад”. Барои кам кардани зуҳуроти мазкур роҳҳои пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оиларо ба таври мушаххас таҳлил намудан лозим аст.

5. Дар асоси таҳлили таҷрибаҳои дохилию хориҷӣ муаллиф усули интерактивии ташкили системаи мубориза бо ҷинояткорӣ дар оиларо ба се системаи модулии асосӣ ҷудо мекунад. 1 - субъектони таъсиррасон; 2 - объектҳои пешгирикунанда; 3 - механизмҳои назораткунанда. Бо дарназардошти системаҳои пешниҳодшуда мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ҳолатҳои истисноӣ ҳуқуқ доранд аз номи давлат дар муносибатҳои дохилиоилавӣ дахолат намоянд. Пешниҳод

менамоем, ки роҳҳои криминологии танзими муносибатҳои оилавӣ дар ҳолате амалӣ гардонида шаванд, ки ба ҳаёт ва саломатии субъектони оилавӣ хатари расонидани зарар вуҷуд дошта бошад. Барои пешгирии зӯроварӣ дар оила нисбати ноболиғон дар амалия ҷорӣ намудани назорати муносибатҳои криминологии оилавӣ аз ҷониби мақомотҳои дахлдор татбиқ гардад.

6. Муаллиф иброз менамояд, ки пешгирии зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон аз рӯйи меъёрҳои гуногун тасниф карда мешавад. Аксарият пешгирии зӯровариро бо ду равиш ҷудо менамоянд: пешгирии зӯроварӣ бо равиши умумӣ ва махсус. Барои пешгирии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила марҳилаҳои асосии корҳои профилактикиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: коҳиш додани хатари пайдошавии хушунат дар оила; кам кардани ҳолатҳои пайдошавии зӯроварӣ дар ҷомеа; сари вақт ошкор намудан ва бартарафсозии омилҳои марбут ба зӯроварии як узви оила нисбати дигар аъзоёни он; барқарорсозии зарари расонидашуда ба қурбониёни зӯроварӣ дар оила.

7. Муаллиф дуруст ибрози ақида мекунад, ки барои корҳои пешгирикунандаи бомуваффақият ва маҳв кардани муносибати зӯроварона нисбати ноболиғон дар оилаҳо баробар бо мақомоти давлатӣ ва институти ваколатдорони ҳуқуқи кӯдак бояд ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ таъсис дода шаванд. Масалан, барои кӯдаконе, ки дар шароити душвори зист қарор доранд, фонд таъсис дода шавад ва барои корҳои пешгирикунанда ҷиҳати беҳбудӣ, беназоратӣ, бесарпаноҳӣ ва ҷинояткории оилавӣ дар давраи муайян ҳисобот ба мақомоти дахлдор пешниҳод гардад. Фаъолияти онҳо бояд ба ташаккули муносибати таҳаммулнопазир ба падидаҳои гуногуни зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар ҷомеа, баланд бардоштани масъулияти волидайн барои амалҳои зидди кӯдак равонашуда, таъмини барқароршавии кӯдаконе, ки зӯровариро аз сар гузаронидаанд, равона карда шавад. Масъалаи дигар баъди бо зӯроварӣ рӯ ба рӯ шудан ва шикоят нисбати зӯровар мебошад, ки таҳлили махсусро талаб менамояд. Дар кишвар паноҳгоҳҳои муваққатӣ барои занону кӯдаконе, ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидаанд, фаъолият менамоянд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи ҳифзи оила аз зӯроварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли

вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

Дар зербоби якуми боби якум масъалаҳои таҳлили криминологии мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар луғати забони тоҷикӣ ба сифати калимаи ҳаммаънои зуҳуроти зӯроварӣ калимаи хушунат низ вомехӯрад, ки барои дарки зӯроварӣ ва алоқамандии он бо хушунат таҳлили амиқи маъноҳои онҳо лозим меояд. Дар мавриди муайян намудани мафҳуми зӯроварӣ, пеш аз ҳама, ба санадҳои байналмилалӣ назар кардан зарур аст. Вобаста ба таҳқиқоти мафҳуми зӯроварӣ дар оила диссертант ба хулоса меояд, ки "зӯроварӣ дар оила ин кирдори ғайриқонунии қасдона содиршудаест, ки дар дохили оила ё байни аъзои оила, ки дорои муносибати хешутаборӣ буда ва ё байни ҳамсарони собиқ содиршудае мебошад, ки бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зӯроварӣ нисбати қурбониёни зӯроварии оилавӣ бо мақсади иҷрои амале, ё худдорӣ аз иҷрои амале мебошад" (саҳ. 33).

Зербоби дуюми боби якум ба масъалаҳои таҳлили муқоисавии зӯроварӣ дар оила дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бахшида шудааст.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, муаллиф ба хулоса меояд, ки ҳангоми омӯзиши нишондодҳои зӯроварӣ нисбати занон дар давлатҳои гуногун ба муҳиммияти самти зиндагии иҷтимоии аҳолӣ аҳаммият додан лозим аст, ки дар замони муосир бештар хусусияти паҳншавиро доро аст. Қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар байни давлатҳои ИДМ дар самти мубориза бар муқобили зӯроварӣ дар оила назаррас мебошад. Муваффақияти занон дар ба даст овардани аксар ҳуқуқҳои гражданӣ, дар байни ИДМ сатҳи назарраси маърифат, баланд бардоштани худогоҳӣ, шуғли занон ба меҳнати касбӣ, пайдо кардани мустақилияти иқтисодӣ ва дарки аҳаммияти иҷтимоии занон ба соҳаҳои «хусусӣ», ба монанди институти никоҳу оила натавонистанд, ки бетаъсир боқӣ монанд (саҳ. 52).

Зербоби сеюми боби якум таҳқиқоти виктимологии зӯроварӣ дар оила асоснок карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили виктимологии қурбониёни зӯроварӣ дар оила бояд ҷанбаи хусусияти латентӣ доштани онҳоро ба инобат гирем. Зеро дар муносибатҳои оилавӣ на ҳама кирдорҳои аъзоён бо равиши кушод

ва бо мақсад таҳлили худро ёфта метавонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки хусусияти иштирокчиёни муносибати оилавиро ҳамаҷониба омӯзем. Иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ нафарони зерин буда метавонанд. Аз қабили зану шавҳар, фарзандон, узви калонсолони оила, фарзандхондагон, васӣ ва ғайраҳо, ки хоҷагии якҷояро бо ҳам пеш мебаранд.

Ҳамин тариқ, қурбонии муносибатҳои оилавӣ метавонанд шахсони дар синну соли гуногун қарордошта бошанд, ки узви оила ҳастанд ва ба онҳо аз ҷониби узви дигари оила зарари ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ расидааст ва ё таҳдиди асосноки расонидани чунин зарар ба вуҷуд омада бошад. Аз сабаби оне ки аксарияти оилаҳои тоҷик зиндагии суннатӣ доранд, ҳамчун анъана мерос мондааст, ки мард "сардор"-и оила ҳисоб меёбад ва дар натиҷа, занон бошанд, зиёдтар аз зӯроварӣ дар оила осеб мебинанд. Дар натиҷа, сатҳи ҷиноятҳои характери виктимологидошта дар оилаҳо зиёд мегарданд. Дар алоқамандӣ ба ин гуфтаҳо мувофиқан ду навъи асосии виктими шахсиро вобаста ба ҷинояти хусусияти зӯроварӣ дар оиладошта, ҷудо намудан мумкин аст: виктими шахсӣ (ҳамчун сифати объективии дар шахс вуҷуддоштаест, ки ба қобилияти субъективии шахсони алоҳида вобастагӣ дошта, дар натиҷа, онҳоро ҷабрдидаи ҷиноятҳои алоҳида мегардонад, дар ҳолате ки барои онҳо имкони канорагирӣ намудан аз ин ҷиноятҳо мавҷуд буд). Виктими шахсӣ (ҳамчун сифати субъективи шахсоне, ки қобилияти мустақилона муҳофизат намудани ҳуқуқҳои шахсӣ аз объекти таъсиррасон дар онҳо коҳиш дода шудааст, ки дар натиҷа онҳо ҷабрдидаи ҷиноятҳои алоҳида мегарданд (саҳ. 65-83).

Боби дуюми рисола ба масъалаҳои тавсифномаи криминологии зӯроварӣ дар оила, нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила бахшида шудааст, ки фарогири чор зербоб мебошад.

Махсусан проблемаҳои нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила дар зербоби якум таҳқиқ карда шудаанд, муаллифи рисола иброз медорад, ки дар солҳои 2010-2022 3921 ҷинояти хусусияти зӯроварӣ дар оиладошта содир гардидааст, ки аз ин нисбати занон, баъдан ноболиғон ва миқдори ками онҳо нисбати мардон содир гардидааст. Илова ба ин, аз таҳқиқоти криминологии гузаронидашуда бармеояд, ки оид ба минтақаи содирнамудаи ҷиноятҳо дар самти мазкур, мавқеи аввалиндараҷаро содирнамоии ин ҷиноятҳо дар ноҳияҳо ва дар ин раванд деҳаҳои ҷумҳурӣ ва баъдан зуҳури онҳо дар

шаҳрҳо ишғол менамоянд. Махсусан зикр карда шудааст, ки дар солҳои 2020-2021 паталогияи ҷиноятӣ дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила бештар ба вилояти Суғд ва НТМ таъсир мерасонад. Дар водиҳои дигари ҷумҳурӣ ҷиноятҳои сабтгардида оид ба зӯроварӣ дар оила камтар мебошанд (саҳ.83-108).

Сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила дар зербоби дуюми боби дуюм мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта шудааст. Муаллиф сабабҳои зӯроварӣ дар оиларо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардааст: дохилиоилавӣ, ки дар муносибатҳои худи оила, аз ҷумла муносибатҳои маҳрамона ба вуҷуд омадааст; иҷтимоӣ, яъне норозигӣ, таҳқир ва нокомиҳое, ки берун аз оила рух медиҳанд, аммо субъект зӯровариро дар муҳити оилавӣ раво мебинад ва ё нисбати ягон узви оила зӯровариро татбиқ намуда, ҳолати рӯҳии худро таскин медиҳад; иқтисодӣ, ки аз сабабҳои сатҳи пасти моддӣ дар оила ва шароити бади зиндагӣ ва ғайра сар мезананд; беморӣ, ки дар натиҷаи касалиҳои вазнин, хусусан музминӣ, аз ҷумла равонӣ ва маъюбии як ё якчанд аъзои оила сар мезананд; инфиродӣ, ки бо хусусиятҳои ахлоқии аъзои муайяни оила ва ё ҳолати равонии ӯ вобастагӣ доранд (саҳ. 119-121).

Чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар зербоби сеюми рисола мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта шуда, пешниҳодҳои зарурӣ оварда шудааст. Диссертант зикр мекунад, ки чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо бо дарназардошти хусусияти умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштанашон, мубориза бар зидди ҷинояткориро дар умум ва намудҳои мушаххаси он ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ; чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ; чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ; чораҳои умумикриминологии маънавӣ (саҳ.123).

Дар зербоби чоруми боби дуюм проблемаҳои чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо мушаххас менамояд. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо муаллиф дар рисола ба намудҳои зерин тақсим кардааст: чораҳои пешгирии холатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд; чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила; чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ; чораҳои таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад; чораҳои дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта, барои пешрафти илми криминология ва мубориза алайҳи ҷиноятҳои мазкур аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мусоидат хоҳанд кард.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ, пажуҳишҳои соҳавӣ ва назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд,ташкил медиҳанд. Зимни таълифи диссертатсия муаллиф аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии зерин истифода кардааст: таърихӣ, низомнокӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо.

Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ, муқаррароти умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар ҳаҷми зарурӣ нашр шудааст: 1 монография, 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ нашр шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар якчанд конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар шакли маърузаҳо иброз шудаанд.

**Чун илм бе баҳс нест, дар рисолаи илмии Ғафорова Ш.А. баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавидоштаро дарёфт кардан мумкин аст:**

1. Дар саҳифаи 35 диссертатсияи мазкур омадааст, ки то ҳол усули ягонаи муайяннамоии истифодаи баъзе истилоҳот ба монанди зӯроварии оилавӣ, зӯроварии хонаводагӣ, хушунати оилавӣ ва зӯроварӣ дар оила дар амалияи татбиқи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Сабаб дар чист, ки диссертант дар рисолаи мазкур истилоҳоти зӯроварӣ дар оиларо истифода бурдааст?

2. Намудҳои зӯроварӣ дар оила тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ба зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ҷудо гардидаанд, аммо дар таҳқиқоти мазкур махсусан дар зербоби 1.1 мушоҳида мегардад, ки зӯроварии рӯҳӣ боз ба зӯроварии эҳсосотӣ (эмотсионалӣ) ҷудо гардидааст.

Пешниҳод карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро аз тарафи диссертант ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

3. Дар диссертатсия роҳҳои зуҳур намудани зӯроварии иқтисодӣ дар оила дарҷ гардидаанд: маҳрум намудан аз истифодаи захираҳо

(захираҳои моддӣ); ба фаъолияти меҳнатӣ иҷозат надодан (ба ин васила тобеи худ намудани қобилияти иродаи шахс); маҳдуднамоӣ, ради додани маблағ; пинҳон намудани даромад (ба хотири насупоридани алимент ва ё дигар хароҷот); тақсимоти ноодилонаи молу мулк; гирифтани музди кор. Ин аломатҳо асосан дар таркиби моддаҳои КҶ ҶТ дида мешаванд. Аммо таҳлили моддаҳои КҶ ҶТ, ки аломатҳои зӯроварии иқтисодиро мушаххас мекунанд, дар рисола дида намешаванд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Рисолаи илмии Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо Бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ криминология ва психологияи АВКДҶТ муҳокима шуд. Дар семинар 14 нафар иштирок намуданд: тарафдор 14, зид - нест, бетараф - нест. Протоколи семинари илмӣ-назариявӣ аз 14.11.2023, № 1.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пай дар ҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводи корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмуъ, рисолаи Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна дар мавзуи "Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (12.00.08), профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси талаботҳои бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар, ба тарафдорӣ овоз доданд 13 нафар, муқобил, бетараф нест. 15 ноябри соли 2023 (протоколи № 5).

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Котиби Шурои олимони Академияи ВКД ҶТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Абдурашидзода А.А.

Ташхисгар, профессори кафедраи пешгирии
терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии
факултети №6 Академияи ВКД ҶТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С.

дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи
факултети №2 Академияи ВКД ҶТ,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

"Имзои С.З. Заробидинзода, Ҳ.С. Сафарзода
ва Ш.Т. Аҳёзодаро тасдиқ менамоям"
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД ҶТ,
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З.

"17" ноябр соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Сомона: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru